***Қисми 1: ҳар як супориш бо 0,9 хол баҳогузорӣ карда мешавад***

1. Ҷумлаҳои соддаи яктаркибае, ки дар он предмет ва ё воқеа номбар шуда, вале дар бораи он чизе гуфта намешавад, чӣ ном дорад?
А) ҷумлаҳои унвонӣ
Б) ҷумлаҳои умумишахс
В) ҷумлаҳои муайяншахс
Г) ҷумлаҳои бешахс

2. Суханҳои зерин: «...ҳаёти адабии нимаи дуюми асри XV ва аввалҳои асри XVI аз давраҳои хеле пурмаҳсули таърихи афкори ҷамъиятии халқҳои Осиёи Миёна ва Хуросон будааст», ба қалами кадом адабиётшинос тааллуқ дорад?
А) Холиқ Мирзозода
Б) Абдулғанӣ Мирзоев
В) Юрий Бобоев
Г) Атахон Сайфуллоев

3. Кадом навъи ҷумлаи пайрави ҳол ба воситаи пайвандакҳои *ки, чунки, чун, зеро, зеро ки, азбаски, чунон ки, барои ин (он) ки, бинобар ин (он) ки, модом ки, ...., чаро ки* ба сарҷумла алоқаманд мешаванд?
А) ҷумлаҳои пайрави мақсад
Б) ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа
В) ҷумлаҳои пайрави сабаб
Г) ҷумлаҳои пайрави макон

4. Лоҳутӣ чандум сол баъди аз тарафи Англия ва Русия истило гардидани Эрон ва пароканда шудани дастаҳои инқилобӣ аввал ба Туркия, баъд пиёда ба Бағдод рафта, аз он до ба Кирмоншоҳ мегурезад ва дар ҷангҳои партизанӣ ба муқобили истилогарон иштирок мекунад. Дар ҳамин вақт рӯзномаи «Бесутун»-ро нашр карда, таҳриражро ба ӯҳда мегирад?
А) соли 1913
Б) соли 1915
В) соли 1912
Г) соли 1914

5. Калимаҳои *аралаш, йигит, дайду, ношукурбанда, кӯрсавод* ва ғайра хоси кадом услуб мебошанд?
А) услуби гуфтугӯӣ
Б) услуби шевагӣ
В) услуби умумиистеъмолӣ
Г) услуби халқӣ-адабӣ

6. Суханҳои зерин: «Байтҳои боқимондаи «Офариннома» аз ҷиҳати пайдарпайии фикр мураккаб нсстанд, маълум мсшавад, ки ба тариқи интихоб мондааст. Аз ин асар гоҳ тасвири эпикии шахсу ҳаёт ба назар мсояд, гоҳ панд ва гоҳ муҳокимаи ҳакимонаи ҳаёт ва бсштари онро панду ахлоқ ташкил мсдиҳад», ба қалами кадом адабиётшинос тааллуқ дорад?
А) Абдулғанӣ Мирзоев
Б) Холиқ Мирзозода
В) Юрий Бобоев
Г) Абдуманнон Насриддинов

7. Кадом намуди ҷумлаҳои соддаи яктаркиба содда ва тафсилӣ мешаванд?
А) ҷумлаҳои муайяншахс
Б) ҷумлаҳои номуайяншахс
В) ҷумлаҳои унвонӣ
Г) ҷумлаҳои бешахс

8. Абдураҳмони Ҷомӣ дар синни чандсолагиаш ба Самарқанд меояд, ки дар он рӯзгор шаҳри Самарқанд маркази илмҳои дақиқ ҳисоб мешуд ва олимони бузург аз қабили Қозизодаи Румӣ (1360-1437) дар ин шаҳр зиндагӣ ва мударрисӣ мекарданд?
А) 22-солагиаш
Б) 25-солагиаш
В) 24-солагиаш
Г) 23-солагиаш

9. Дар байни ҷумлаҳои соддаи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави мақсад кадом аломат гузошта мешавад?
А) аломати вергул (,)
Б) аломати тире (-)
В) аломати нуқта вергул (;)
Г) аломати ду нуқта (:)

10. Усули тасвири бадеист, ки шоир ва нависандаро ба тафаккури образнок во дошта, унсури воқеанигории маҳзро дар эҷодиёт маҳдуд мекунад, чӣ ном дорад?
А) Киноя
Б) Рамз
В) Истора
Г) Ташхис

***<u>Қисми 2: ҳар як супориш бо 1,5 хол баҳогузорӣ карда мешавад</u>***

11. Калимаҳои адабӣ-китобӣ бештар дар кадом услуб корбаст мешаванд ва ба услуби гуфтугӯйӣ хос нестанд?
А) услуби шифоҳӣ
Б) услуби бадеӣ
В) услуби хаттӣ
Г) услуби хаттӣ-шифоҳӣ

12. Тарҷумаи «Офаринннома»-и Абӯшакури Балхӣ аз ҷониби кадом шоири маъруфи аввали асри XI ба забони арабӣ низ сурат гирифтааст?
А) Беҳрӯзи Табарӣ
Б) Боботоҳири Урён
В) Ризоқулихони Ҳидоят
Г) Абулфатҳи Бустӣ

13. Ҷумлаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ бештар дар чӣ ба кор бурда мешавад?
А) муколама
Б) зарбулмасалҳо
В) пандҳо
Г) ғазалҳо

14. Ҳодиса ва рӯйдодҳои ҳаётиро, ки нависанда дар асараш тасвир кардааст ва ба воситаи он масъалаҳои асосӣ пеш ронда шудааст, чиро ташкил менамояд?
А) ғояи асари бадеиро
Б) мавзӯи асари бадеиро
В) мазмуни асари бадеиро
Г) мундариҷаи асари бадеиро

15. Ҷумлаи пайрави натиҷа баъд аз сарҷумла воқеъ мегардад ва ба воситаи кадом пайвандак вобаста мешавад?
А) ҷое ки
Б) ба тавре ки
В) ки
Г) вақте ки

16. Кадом адиби тоҷик барои такмили маҳорат аз адабиёти пешин, осори даҳонии мардум ва адабиёти ҷаҳон огоҳона истифода карда, дар кори нашри намунаҳои фолклори тоҷик ва осори классикон, аз ҷумла Ҳилолӣ ҳисса гузошта, дар зери таъсири осори классикӣ драма ва либретто менависад?
А) Садриддин Айнӣ
Б) Абулқосим Лоҳутӣ
В) Сотим Улуғзода
Г) Мирзо Турсунзода

17. Ба гурӯҳи умумиистеъмолӣ калимаҳое мансубанд, ки дар ҳамаи услубҳо баробар корбаст мешаванд, аз ин рӯ, онро чӣ меноманд?
А) «байниуслубӣ»
Б) «охируслубӣ»
В) «аввалуслубӣ»
Г) «байн ва охируслубӣ»

18. Кадом адиб соли 1285 хиҷрии қамарӣ «Қобуснома»-ро тасҳеҳ намуда, ба он муқаддимае навишта, бо иловаи асари Амир Темур - «Тузуки Темурӣ» ба нашр расондааст?
А) Абулҳасан Алии Фаррухӣ
Б) Ризоқулихони Ҳидоят
В) Қобус ибни Вушмгир
Г) Беҳрӯзи Табарӣ

19. Ҷумлаи мураккаби ссртаркибе, ки аз се ва зиёда ҷумлаи содда тавассути алоқаи тобеъ ташкил ёфтаанд, чӣ номида мсшавад?
А) ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ғайриҷида
Б) ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави дараҷа
В) ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб
Г) ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ҷида

20. Ҳангоме ки соли 1469 Ҳусайн Бойқаро (Навоӣ бо ӯ ширхора буда, инчунин якҷоя таҳсил карда буданд) ба Ҳирот омада ба маснади подшоҳӣ менишинад, Навоиро ба дарбор даъват менамояд. Ӯ дар дарбори Ҳусайн Бойқаро кадом вазифаро ба ӯҳда мегирад?
А) вазирӣ
Б) амирӣ
В) роҳбари мактаби адабӣ
Г) мӯҳрдорӣ

**_Қисми 3: ҳар як супориш бо 2,6 хол баҳогузорӣ карда мешавад_**

21. Калимаҳои таркиби луғавии забони миллӣ ва адабиро аз руйи обуранги услубӣ метавон ба чанд гурӯҳ ҷудо кард?
А) ба чор гурӯҳ
Б) ба се гурӯҳ
В) ба панҷ гурӯҳ
Г) ба ягон гурӯҳ ҷудо намешавад

22. Кадом адиби тоҷик таҳсили ибтидоиро дар Қароқӯл, ки падараш он ҷо қозӣ буд, оғоз карда, баъдтар дар синни ҳафтсолагӣ ба мактаби усули нав меравад ва бори аввал устод Айниро дида, аз китоби ӯ «Таҳзиб-ус-сибён» сабақ мегирад?
А) Сотим Улуғзода
Б) Ҷалол Икромӣ
В) Фотеҳ Ниёзӣ
Г) Фазлиддин Муҳаммадиев

23. Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркибе, ки дар он ду ва ё зиёда ҷумлаҳои пайрави якхела дар асоси алоқаи пайваст корбаст шуда, ягон аъзо ё амали тамоми сарҷумларо аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳанд, чӣ ном дорад?
А) ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои пайрави ғайричида
Б) ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои пайрави дараҷа
В) ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои пайрави чида
Г) ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои пайрави чидаи ҳамроҳӣ

24. Муаллифи суханҳои зерин: «Саъдӣ комилтарин нобиғаест, ки рӯзгор дар шеъру адаб парварида ва агар падари пири фалак бисёр ҳам сабр кунад, модари гетӣ чун ӯ фарзанд натавонад зод», кист, муайян кунед?
А) Зиёпошшои Усмонӣ
Б) Шайх Суҳравардӣ
В) Иброҳими Адҳам
Г) Ҳабиби Яғмоӣ

25. Кадом навъи ҷумлаҳои содда хулласу тафсилӣ ва дутаркибаву яктаркиба мешаванд?
А) ҷумлаҳои соддаи пурра
Б) ҷумлаҳои соддаи нопурра
В) ҷумлаҳои соддаи тасдиқӣ
Г) ҷумлаҳои соддаи инкорӣ

26. Асарҳои таърихии «Шайбониномa» ва «Футуҳоти хонӣ» ба қалами кадом адиб тааллуқ дорад?
А) Зайниддин маҳмуди Восифӣ
Б) Камолиддин Биноӣ
В) Алишери Навоӣ
Г) Малеҳои Самарқандӣ

27. Ҷумлаҳои пайрав бо хамдигар тавассути кадом пайваидакҳо алоқаманд гапгга, ба як савол ҷавоб мешаванд?
А) пайваидакҳои тобеъкунанда (замон, макон, тарз)
Б) пайваидакҳои пайвасткунанда (хилофӣ, миқдору дараҷа, ҷудоӣ)
В) пайваидакҳои пайвасткунанда (пайиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ)
Г) пайваидакҳои тобеъкунанда (монандӣ, шарт, ҳамроҳӣ)

28. Солҳои сиюм нахустин ҳикоя ва очеркҳои кадом адиб ба чоп расиданд, ки «Манзараи ҷонкании дунёи кӯҳна», «Солеҳ комсомол», «Устоди ҳосили баланд» ва ғайра намунаи онҳо мебошанд?
А) Фотеҳ Ниёзӣ
Б) Фазлиддин Муҳаммадиев
В) Ҷалол Икромӣ
Г) Сотим Улуғзода

29. Ҳадафи кадом соҳаи забон ин аст, ки ба соҳибзабонон нозукиҳои забони модариашонро ёд дода, ба онҳо ҳунари беғалат ва шево хаттӣ ё шифоҳӣ ифода кардани фикрро омӯзонад?
А) услубшиносӣ
Б) забони адабӣ-китобӣ
В) забони халқӣ-гуфтугӯйӣ
Г) умумиистеъмолӣ

30. Кадом донишманди барҷаста таъкид мекунад: «Агар мақсад аз меҳнати адабӣ нафъи омма бошад, ҳар сухани «Бӯстон»-и Саъдӣ як дурри ноёб — як гавҳар ва ҳар байташ як хазина аст», он кист, муайян кунед?
А) Иброҳими Адҳам
Б) Зиёпошшои Усмонӣ
В) Шайх Суҳравардӣ
Г) Атахон Сайфуллоев